Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамияти кор дар он аст, ки соҳибкории шабакавӣ ба рушди муҳити устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар навбати худ, муҳити соҳибкорӣ муносибатҳои истеҳсолӣ-шабакавиро ташаккул дода, ҳамкории соҳибкорон, ширкатҳо ва муассисаҳоро такмил медиҳад.

Аз ин рӯ, ба соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони вилоят, дигар минтақаҳо барои ширкат намудан, амалисозии равобити иқтисодӣ ва ҳам фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори ҷаҳонӣ рушди соҳибкории шабакавӣ мусоидат менамояд.

Эшбоев Ҷ.А дуруст қайд менамояд, ки шарти ташаккул ва рушди иқтисодиёт ва соҳибкории шабакавӣ, гузариш аз сохтори технологии 4-ум (инкишофи мошинсозии махсус ва химизатсияи истеҳсолот) ба 5-ум (технологияи навтарини ҳисоббарор ва информатсионӣ, алоқаи кайҳонӣ, нахи оптикӣ, биотехнология) мебошад (с.8-9).

Формулаи пешниҳоднамудаи муаллиф, ки рушди иқтисодиёти шабакавиро ифода намудааст: шакли ибтидоии хоҷагидорӣ + манбаъҳои иттилоот ва технология + соҳибкории шабакавӣ = иқтисоди шабакаи ҷаҳонӣ, ки назарияи соҳибкориро ғани гардонидааст (с.10).

Қобили қайд аст, ки соҳибкории шабакавӣ – фаъолияти субъекти иқтисодӣ буда, дар бозор бо мақсади ба даст овардани фоида ва самараи синергетикӣ муносибатҳои шабакавиро муқаррар менамоянд. Соҳибкории шабакавии минтақа зери таъсири таснифоти рушди иқтисодии кишвар монда, дар соҳаҳои гуногун амал менамояд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ тавонистааст исбот намояд, ки агар таъсири соҳибкории шабакавӣ ба МММ-и вилоятро аз назар гузаронем, афзоиши онро дар доираи зиёда аз 10% мушоҳида кардан мумкин аст. ММД-и минтақа ба динамикаи ММД-и кишвар таъсир мерасонад (с.13).

Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар автореферати диссертатсия дарҷгардида, ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию методии назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва фаъолияти онҳо истифода бурдан мумкин аст (с.20).

Лекин, дар кор норасиҳоро мушоҳида кардан мумкин: Дар автореферат ба масалаи муқосаи рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд бо дигар вилоятҳо кам эътибор дода шудааст.

Вале ин эрод, наметавонад қиммати диссертатсияро паст намояд, зеро характери маслиҳатӣ дорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)" ба талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
дотсенти кафедраи баҳисобгирӣ
ва технологияи рақамии
Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд-и ДБССТ
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуллоев А.

Имзои н.и.и., дотсент А. Абдуллоев-ро
тасдиқ менамоям.
Сармутахассиси шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МД ДБХ-и ДБССТ Ҳ.Абдуҷалилов

"24" 01 2025 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд
маҳаллаи 27, хонаи 1
e-mail: jabar55@mail.ru
тел. (+992) 927901361